# Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳот
оид ба самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва дурнамои нишондиҳандаҳои
он барои солҳои 2022-2023

Душанбе 2020

## МУНДАРИҶА:

I. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ

II. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

III. Даромади буҷети давлатӣ

IV. Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

V. Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ

VI. Хароҷоти фаъолияти сиёсати беруна

VII. Мудофиа ва бехатарии давлат

VIII. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

IX. Дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёт

X. Маблағгузориҳои асосӣ ва сиёсати сармоягузорӣ

XI. Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ

XII. Хароҷоти хизматрасонии қарзи давлатӣ

XIII. Буҷети ҷумҳуриявӣ

XIV. Буҷетҳои маҳаллӣ

XV. Касри буҷет

XVI. Шарҳи мухтасари дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2022-2023

Буҷети давлатии миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №116-ф ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, №421 «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2023» таҳия гардидааст.

Даромади Буҷети давлатӣ аз рӯи ҳамаи манбаъҳо, аз ҷумла даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, грантҳо барои дастгирии буҷет, грантҳо ва қарзҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ташаккул ёфтааст.

## I. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ

Дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2023 маблағгузории самтҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии кишвар, бахусус бахшҳои афзалиятдошта, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудаанд, ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин тадбирҳои дар барномаҳои миллӣ, консепсияҳо ва дигар барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии барои давраи миёнамуҳлат пешбинишуда ва нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пайомадҳои таъсири пандемияи бемории сироятии COVID-19 ба инобат гирифта шудаанд.

Нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2021 – 2023 барои амалӣ намудани муҳимтарин ҳадафҳои кишвар, аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва ҳамзамон зиёд намудани иқтидорҳои содиротӣ, саноатикунонии босуръат ва коҳиш додани вобастагии бозори дохила аз молҳои воридотӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва амнияти кишвар, тавсеаи имкониятҳои транзитии ҷумҳурӣ, инчунин дар сатҳи тавсияшуда таъмин намудани устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, равона шудааст.

Омилҳои асасии таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ:

- афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тавассути рушд додани иқтисодиёт, бахусус саноатикунонии босуръат ва самаранокии фаъолияти

корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, рушди соҳаҳои энергетика, хизматрасонӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, нақлиёт ва коммуникатсия;

- дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз, васеъ намудани заминаи андозбандӣ, кам кардани бақияпулиҳои андоз ва роҳ надодан ба пайдоиши бақияпулиҳои нави андоз;

- маниторинги доимии самаранокии имтиёзҳои андозии тибқи қонунгузорӣ пешниҳодшуда;

- суръат бахшидан ба идомаи ислоҳот дар самтҳои идоракунии самараноки молияи давлатӣ;

- таъмини рушди устувори бозори молиявӣ бо мақсади ҷалб намудани сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкории хурду миёна;

- дар сатҳи мӯътадил ва ба иқтисодиёт безарар нигоҳ доштани қарзҳои берунӣ ва хизматрасонии саривақтии онҳо;

- таъмини сиёсати дохилию берунаи давлатӣ, фаъолияти самараноки мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- таъмини амнияти миллӣ ва бехатарии иқтисодии кишвар.

## II. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

Тайи солҳои охир новобаста аз равандҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ ва таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таъсири паҳншавии беморӣи сироятии COVID-19 рушди иқтисоди миллӣ ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ таъмин гардида истодааст.

Дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ аз рӯи тамоюли рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар солҳои охир, аз ҷумла нимсолаи якуми соли 2020 ва дигар омилҳои ба иқтисодиёти кишвар таъсиррасон таҳия гардида, дар он афзоиши сатҳи ҷамъоварии даромадҳо ва бақияпулиҳои андоз ба инобат гирифта шудаанд.

Дар натиҷаи чораҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 0,2 фоиз ва дар соли 2019 нисбати соли 2018 ба андозаи 0,3 фоиз зиёд гардид.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ суръати рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 3,5 фоиз баробар гардидааст, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,0 фоиз коҳиш ёфта, рушд дар соҳаҳои саноат

9,2 фоиз, кишоварзӣ 8,2 фоиз, гардиши савдои хориҷӣ 1,0 фоиз ва гардиши бор 11,3 фоиз таъмин гардидааст.

Ҳамзамон, суръати рушд дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар соҳаи сохтмон 4,6 фоиз, гардиши савдо 5,2 фоиз аз ҷумла, гардиши савдои чакана 1,1 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 14,0 фоиз коҳиш ёфт.

Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта гардиши савдои хориҷӣ 1,0 фоиз, аз ҷумла содирот 14,7 фоиз афзоиш ёфта, воридот 4,0 фоиз кам гардидааст, ки мавриди таҳияи нишондиҳандаҳои лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2023 ба инобат гирифта шудааст.

Дар раванди таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз рӯи афзоиши воқеӣ ба андозаи 7,6 фоиз ба маблағи 92,6 млрд. сомонӣ, индекси дефлятори Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 3,1 фоиз, меъёри таваррум 6,9 фоиз ва қурби миёнаи солонаи пули миллӣ нисбат ба 1 доллари амрикоӣ 11,00 сомонӣ дар асоси дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шудааст.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ба 4901,9 млн доллари ИМА, аз ҷумла содирот 1310,0 млн доллари ИМА ва воридот бошад 3592,9 млн доллари ИМА пешбинӣ гардидааст.

Тарози савдо манфӣ буда, барзиёдии воридот нисбат ба содирот 2,7 баробар ё 2282,9 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.



## III. Даромади буҷети давлатӣ

Дурнамои даромади буҷети давлатӣ дар асоси кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки воридоти андозӣ ва ғайриандозиро ба танзим медароранд, муайян гардида, вобаста ба тамоюли рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар таи соҳои охир, аз ҷумла нимсолаи аввали соли 2020, имтиёзҳои андозӣ тибқи қонунгузории амалкунанда пешбинишуда ва эҳтимолияти таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла ноустувории вазъи сиёсию иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони асосии савдо, қурби асъори миллӣ ва дигар омилҳои ба иқтисодиёти кишвар таъсиррасонанда таҳия гардида, дар он манбаҳои андозбандӣ, афзоиши сатҳи ҷамъоварии даромадҳо ва ҷалби маблағҳои бақияпулиҳои андоз ба инобат гирифта шудаанд.

Самтҳои асосии сиёсати андоз дар соли 2021 барои таъмини рушди иқтисодиёт, саноаткунонии босуръати иқтисоди миллӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, хизматрасонӣ, дастгирии соҳибкорони хурду миёна ва бахши хусусӣ, инчунин аз байн бурдани ҳар гуна монеаҳо бо мақсади васеъ намудани манбаҳои андозбандӣ, кам намудани бақияпулиҳои мавҷудаи андоз, ҳамзамон роҳ надодан ба пайдо гардидани бақияпулиҳои нави андоз равона карда мешавад.

Ҳаҷми умумии даромади лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ба маблағи 27645,8 млн сомонӣ ё 29,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2020 ба андозаи 6,1 фоиз ё 1591,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз даромадҳои андозию ғайриандозӣ, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ва грантҳо барои дастгирии буҷети давлатӣ сарчашма мегирад.




Даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет дар соли 2021 ба маблағи 20500 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 1000,0 млн сомонӣ ё 5,1 фоиз зиёд мебошад. Бо вуҷуди афзоиши номиналии вазни хоси он дар ММД ба андозаи 0,2 фоиз кам гардидааст. Таркиби сохтори даромади ҷории буҷети давлатӣ аз рӯи сарчашмаҳо дар диаграммаи зерин пешбинӣ гардидааст:



Дар таҳияи дурнамои даромади ҷории буҷети давлатӣ барои соли 2021 нигоҳ доштани муқаррароти моддаи 252 Кодекси андоз яъне тамдид намудани муҳлати андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард то 31 декабри соли 2021 ва зиёд намудани маблағи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба маблағи 2 сомонӣ (аз 58 сомонӣ ба 60 сомонӣ) пешбинӣ шудааст.

Даромади ҷории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ барои соли 2021 ба маблағи 20200,0 млн сомонӣ ё 21,8 фоизи ММД пешбинӣ гардида, нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2020 ба андозаи 5,2 фоиз ё 1000,0 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Даромади андозӣ барои солҳои 2021 дар ҳаҷми 18802,0 млн сомонӣ муайян карда шуда, дар қиёс ба буҷети тасдиқшудаи соли 2020 ба маблағи 890,0 млн сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи даромади андозӣ дар ММД 20,3 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 – 0,2 банди фоиз кам аст.

Даромади ғайриандозӣ ба буҷети давлатӣ барои соли 2021 ба маблағи 1398,0 сомонӣ муайян шуда, афзоиши он 110,0 млн сомонӣ ё 8,5 фоиз ва 1,5 фоизи ММД – ро ташкил медиҳад.

Аз маблағи умумии даромади ҷорӣ 14374,0 млн. сомонӣ ба даромадҳои дохилӣ (Кумитаи андоз, вазоратҳои молия, корҳои дохилӣ) тааллуқ дошта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии даромадҳои андозию ғайриандозӣ 71,2 фоизро ташкил медиҳад ва нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2020 ба маблағи 705,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Пардохтҳои гумрукӣ (Хадамоти гумрук) барои соли 2021 ба маблағи 5826,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии даромад 28,8 фоизро ташкил дода, дар қиёс ба соли гузашта 295,0 млн сомонӣ зиёд аст.

Дурнамои даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ барои соли 2021 аз рӯи манбаъҳои андозбандӣ бо тариқи зайл ташаккул ёфтааст.

- дурнамои андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андоз, таҳарруки (динамикаи) иҷрои воқеии солҳои гузашта, баҳодиҳии воридоти соли 2020 ва нишондиҳандаи ҳисоби миёнаи музди меҳнат, даромад аз манбаъи пардохт ва шумораи ҷойҳои навӣ кории ташкилшаванда муайян гардида, маблағи он барои соли 2021 бо дарназардошти зиёдшавии музди меҳнат дар ҳаҷми 2377,5 млн сомонӣ бо афзоиши 146,4 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, вазни қиёсии он нисбати ММД 2,6 фоиз ва даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ 11,8 фоиз мебошад;

➢ пешгӯии андоз аз фоида дар асоси нишондиҳандаҳои дурнамои макроиқтисодӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, маълумот доир ба нишондиҳандаҳои даромади андоз дар чанд соли охир ва баҳодиҳии воридоти ин намуди андоз муайян гардида, дурнамо барои соли 2021 ба маблағи 2055,6 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст ва вазни қиёсии он дар ММД 2,2 фоизро ташкил медиҳад.

➢ андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ мувофиқи талаботи Кодекси андоз, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08 соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», маълумоти оморӣ вобаста ба музди миёнаи номиналии меҳнат бо дарназардошти таҳарруки (динамикаи) иҷрои воқеии солҳои гузашта, баҳодиҳии воридоти соли 2020 ва афзоиши манбаъҳои андозбандишаванда барои соли 2021 ба маблағи 1951,0 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, вазни қиёсии он нисбати ММД 2,1 фоиз буда, воридоти он дар буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба инобат гирифта мешавад;

➢ дурнамои андоз аз арзиши иловашудаи дохилӣ барои соли 2021 аз рӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, амалиёти андозбандишаванда, таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо (ба истиснои таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки аз ААИ озод аст) ва ба инобат гирифтани сатҳи тавварум ба маблағи 3223,3 млн сомонӣ муайян карда шудааст, ки дар муқоиса бо соли 2020 ба маблағи 145,8 млн сомонӣ зиёд мебошад. Вазни қиёсии он ба 3,5 фоизи ММД баробар буда, мавриди таҳия имтиёзҳои андозӣ ба инобат гирифта шудааст.

➢ дурнамои воридот аз аксизи дохилӣ ба маҳсулоти дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол ва фурӯхташаванда дар асоси арзиши молҳои зераксизии фурӯхташуда, тибқи муқаррароти Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2018, №302 «Дар бораи меъёрҳои аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда», бо назардошти хизматрасониҳои соҳаи алоқаи барқӣ барои соли 2021 ба маблағи 245,5 млн сомонӣ муайян карда шуда, нисбат ба соли 2020 дар ҳаҷми 15,1 фоиз ё ба маблағи 32,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад;

➢ андоз аз маҳсулоти коркард ба маблағи 10,0 млн. сомонӣ аз рӯи истеҳсоли алюминияи аввалия (153,9 ҳаз тонн) бо меъёри 65 сомонӣ ва андоз аз фурӯши алюминийи аввалия аз рӯи истеҳсоли 3,2 ҳазор тон бо нархи миёнаи 2000 доллари амрикоӣ ба 1 тонна бо меъёри 3 фоиз ба маблағи 2,0 млн сомонӣ муайян карда шуда, маблағи андоз дар маҷмуъ 12,1 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 ба маблағи 1,2 млн.

сомонӣ кам мебошад. Коҳишёбии ин намуди андоз аз ҳисоби кам гардидани истеҳсоли алюминийи аввалия мебошад. Дар соли 2021 истеҳсоли алюминийи аввалия ба миқдори 153,9 ҳазор тонна пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2020 ба миқдори 18,4 тонна (18,4*65) кам мебошад.

- андозҳо барои захираҳои табиӣ аз ҳисоби сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷ карда мешаванд, муайян карда шуда, дурнамои он барои соли 2021 дар ҳаҷми 964,0 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби роялти барои об 82,0 млн. сомонӣ мебошад.

- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз ҳисоби хароҷоти воқеии барои мол, кор ва хизматрасониҳо амалишуда, ба маблағи 615,8 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба соли 2020 ба маблағи 58,8 млн сомонӣ ё 10,6 фоиз зиёд буда, вазни қиёсии он дар ММД 0,7 фоизро ташкил медиҳад;

- андоз аз воситаҳои нақлиёт аз рӯи иқтидори муҳаррикҳои воситаи нақлиёт бо фоиз нисбати нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда шуда, дар соли 2021 воридот ба буҷет аз ҳисоби ин намуди андоз 242,8 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст ва дар қиёс ба соли 2020 – 16,5 млн сомонӣ зиёд мебошад;

- низомҳои махсуси андозбандӣ тибқи муқаррароти Кодекси андоз аз низоми андозбандии шахсони воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд, низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона) ва низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ иборат буда, дурнамои он барои соли 2021 дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдор, воридоти ҳақиқии солҳои гузашта ва баҳодиҳии соли 2020 ба маблағи 814,1 млн сомонӣ ё бо афзоиши 100,9 фоиз муайян карда шуда, ҳиссаи он дар ММД 0,9 фоизро ташкил медиҳад;

- пардохтҳои гумрукӣ барои соли 2021 дар асоси дурнамои нишондиҳандандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои солҳои 2021-2023 пешбинӣ шудааст, ба маблағи 5826,0 млн сомонӣ муайян гардида, нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2020 ба 295,0 млн сомонӣ ё 5,3 фоиз афзоиш ёфтааст ва вазни қиёсии он дар ММД 6,3 фоиз ва нисбати даромади ҷории буҷети давлатӣ 28,4 фоизро ташкил медиҳад.

- андоз аз арзиши иловашудаи берунӣ дар асоси дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2021 аз ҳисоби фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба маблағи 4443,0 млн. сомонӣ бо афзоиши

198,5 млн. сомонӣ, аксизҳо аз молҳои зериаксизии воридшаванда ба маблағи 435,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 32,8 млн. сомонӣ ва боҷи гумрукӣ ба маблағи 831,0 млн сомонӣ (аз он ҷумла боҷи содироти барои нахи пахта 112,8 млн сомонӣ) пешбинӣ карда шуда, нисбат ба соли 2020 ба андозаи 6,4 фоиз ё 50,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

➢ даромади ғайриандозӣ барои соли 2021 дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тибқи онҳо пардохтҳо ҳисоб карда мешаванд ва бо назардошти воридоти ҳақиқии солҳои қаблӣ 1398,0 млн сомонӣ муайян карда шуда, нисбат ба соли 2020 афзоиши он 110,0 млн сомон, ҳиссаи он дар ММД 1,5 фоиз ва дар даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ 6,9 фоизро ташкил медиҳад.

Даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ дар асоси баҳодиҳии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар соли 2022 ба маблағи 21700 млн сомонӣ ё 21,1 фоизи ММД ва дар соли 2023 ба маблағи 23700 млн сомонӣ ё 20,6 фоизи ММД пешбинӣ шудааст.

Сохтори даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ (бе назардошти грантҳо барои дастгирии буҷет) барои солҳои 2020-2021 дар ҷадвали зерин оварда шудааст.




## IV. Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2021 ба мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сифати некӯаҳволӣ, таъмини бехатарии давлат ва озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати таълиму

хизматрасонӣ, бехтар гардонидани саломатии аҳолӣ, ҷиҳати рушди соҳаҳои иҷтимоии давлат, аз ҷумла маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти идоракунӣ, нақлиёт, кишоварзӣ ва зиёд намудани иқтидорҳои энергетикӣ равона карда мешаванд.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2021 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 28109,0 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 30,3 фоизро ташкил дода, нисбати буҷети соли 2020 ба маблағи 1705,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.




Дар сохтори ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2021 хароҷот аз ҳисоби даромади ҷории буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 21097,2 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбати буҷети соли 2020 ба маблағи 1125,5 млн сомонӣ зиёд мебошад. Афзоиши хароҷоти ҷории буҷети давлатӣ асосан ба зиёдшавии музди меҳнат, пардохтҳои иҷтимоӣ, нафақа ва идрорпулӣ, ки аз 1 сентябри соли 2020 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 2020, №1580 амалӣ карда шудааст, мансуб мебошад.




Фонди музди меҳнат дар ҳаҷми 6034,2 млн сомонӣ бо афзоиши 13,1 фоиз пешбинӣ шуда, ба 6,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2020 ба андозаи 0,4 банди фоиз зиёд мебошад.




## IV. Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ

Дар лоиҳаи буҷети давлатии соли 2021 барои маблағгузории соҳаи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 1430,2 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷет (ҷумҳуриявӣ ва

маҳаллӣ) 1091,4 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 238,5 млн. сомонӣ ва Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ 100,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2020 ба қадри 34,3 млн сомонӣ ё 2,5 фоиз зиёд мебошад.




Дар лоиҳаи буҷети давлатии соли 2021 ҷиҳати аз 1 сентябри соли 2020 амалӣ намудани тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ ва граждaнӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва афзоиш ёфтани қурби доллари ИМА нисбат ба асъори миллӣ, инчунин баргузории чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва болоравии нархи молу хизматрасониҳо маблағи зарурӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҷиҳати хароҷоти сафарҳои хизматии хориҷӣ ва фрахти ҳавопаймо маблағҳо дар сатҳи соли ҷорӣ мувофиқан 13,0 млн. сомонӣ ва 12,5 млн. сомонӣ, маҷмӯан 25,5 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Барои мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ маблағҳои захиравии дар сатҳи соли 2020 ба маблағи 6,5 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дурнамои маблағҳои махсуси мақомоти давлатӣ 238,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2020 ба маблағи 26,3 млн. сомонӣ ё 12,4 фоиз зиёд мебошад.

Бинобар ба итмом расидани муҳлати татбиқи лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ, марҳилаи 2 маблағҳои азхуднашудаи лоиҳаи мазкур бо пуррагӣ дар соли 2021 ба нақша гирифта

шудааст, ки ин боиси 21,6 млн. сомонӣ нисбати соли ҷорӣ зиёд гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ шудааст.

## VI. Хароҷоти фаъолияти сиёсати беруна

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2021 хароҷоти умумии фаъолияти сиёсати беруна 294,8 млн сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2020 дар ҳаҷми 45,8 млн. сомонӣ, ё 18,4 фоиз зиёд ба нақша гирифта шудааст, аз ҷумла хароҷот барои:

- нигоҳдории намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа – 193,8 млн сомонӣ;
- пардохти аъзоҳаққии ҷумҳурӣ дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ – 50,7 млн сомонӣ;
- пардохти аъзоҳаққии ҷумҳурӣ дар назди сохторҳои ИДМ, СААД, СҲШ ва ғайра – 50,3 млн сомонӣ.




Дар сохтори хароҷоти фаъолияти сиёсати беруна 66 фоизи маблағҳо барои нигоҳдории намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа, 17 фоиз барои пардохти ҳаққи аъзогӣ ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва 17,0 фоиз барои пардохти ҳаққи аъзогӣ ба сохторҳои ИДМ, СААД, СҲШ ва ғайра рост меояд.

Хароҷоти намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар дар соли 2021 аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 193,8 млн сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли ҷорӣ 11,1 фоиз зиёд мебошад.

Сабабҳои асосии зиёд гардидани хароҷоти нигоҳдории намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа, ин афзоиш ёфтани қурби доллари ИМА нисбат ба асъори миллӣ, ки дар лоиҳаи буҷети ҷумҳуриявии соли 2021 харҷи 1 доллари ИМА баробар ба 11 сомонӣ ҳисоб карда шудааст.

Инчунин, дар лоиҳаи буҷети соли 2021 дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №210 барои хароҷоти нигоҳдории Кумитаи иҷроияи Фонди байналмилалии наҷоти Арал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 7,6 млн. сомонӣ ба инобат гирифта шудааст.

Дар лоиҳаи Буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2021 ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ дар назди созмонҳои байналхалқӣ 50,7 млн. сомонӣ бо афзоиши 3,7 млн. сомонӣ ё 7,9 фоиз пушбинӣ гардидааст.

Сабаби асосии афзоиш ёфтани ин хароҷот беқурбшавии асъори миллӣ нисбат ба доллари ИМА мебошад (дар лоиҳаи буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2021 як доллари ИМА баробар ба 11 сомонӣ ҳисобӣ карда шудааст). Барои пардохти ҳаққи аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байнидавлатӣ, аз ҷумла сохторҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), созмонҳои Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ), Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) ва ғайра дар лоиҳаи буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2021 маблағи 50,3 млн сомонӣ бо афзоиши 22,7 млн. сомонӣ ё 78,5 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

## VII. Мудофиа ва бехатарии давлат

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2021 хароҷот барои нигоҳдории Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қушунҳо, воҳидҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2044,8 млн сомонӣ бо афзоиш нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 111,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки 2,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Афзоиш асосан аз ҳисоби баландшавии музди меҳнати кормандони соҳа ба вуҷуд омадааст.

Барои сохтмону азнавсозии иншоотҳои соҳаҳои мудофиаи миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва прокуратура аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ 94,4 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Инчунин, дар соҳаҳои мазкур воридоти маблағҳои махсус дар ҳаҷми 219,7 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

## VIII. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

Сиёсати иҷтимоии буҷети давлатӣ барои соли 2021 асосан барои таъмини пурраи ӯҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ таъмини барномаҳо ва идомаи ислоҳоти соҳаҳо равона карда мешавад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2021 ба 13164,2 млн. сомонӣ баробар буда, афзоиши он нисбат ба буҷети соли 2020-ум 1433,9 млн. сомонӣ ё 46,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Ҳамзамон хароҷоти соҳаҳои мазкур ба 14,2 фоизи ММД баробар гардидааст.

Барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 10901,5 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он ба 51,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ баробар мебошад.

Дар ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ маблағҳои махсус 1513,0 млн. сомонӣ ва маблағҳои грантию қарзӣ 749,2 млн. сомониро ташкил медиҳад.




### Соҳаи маориф ва илм

Дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ (мактабҳои ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ), таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии

таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, махсус ва муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд, фаъолият менамоянд.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф ба маблағи 5597,1 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2020–ум 592,3 млн. сомонӣ ё ин, ки 11,8 фоиз афзоиш ёфта, 19,9 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 6,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Дар ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинишуда маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимӣ – 1017,2 млн. сомонӣ ва маблағҳои грантӣ ва қарзӣ – 319,0 млн. сомонӣ буда, мутаносибан ба андозаи 13,4 фоиз афзоиш ва 15 фоиз кам шудааст.

Буҷети соҳаи маориф дар соли 2021, аз рӯи афзалиятҳои соҳа, яъне рушди таҳсилоти томактабӣ ва рафти ислоҳоти маблағгузории он, рушди низоми такмили ихтисос, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо таҷҳизоту лавозимоти таълимӣ таҳия гардида, барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва омода намудани шароити мусоид барои таҳсил мусоидат хоҳад намуд, аз ҷумла барои нигоҳдории:

| Зинаҳои таҳсилот | Шумораи муассисаҳо (адад) | Шумораи кӯдакон, хонандагон, донишҷӯён (нафар) | Шумораи кормандон, омӯзгорон, мураббиён (нафар) | Маблағҳои равонагардида ба ин самт (млн сомонӣ) | Афзоиш нисбати соли 2020 (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| **Таҳсилоти томактабӣ** | 517 | 86634 | 16417 | 396,3 | 32,5 |
| **Таҳсилоти умумӣ** | 3799 | 1879388 | 214387 | 3103,5 | 9,3 |
| **Таҳсилоти ибтидоии касбӣ** | 61 | 21947 | 4128 | 81,5 | 7,9 |
| **Таҳсилоти миёнаи касбӣ** | 58 | 42194 | 3674 | 260,9 | 17,4 |
| **Таҳсилоти олии касбӣ** | 32 | 168369 | 19475 | 975,6 | 24,8 |
| **Муассисаҳои дигар** | 617 | | 13161 | 779,3 | -16,3 |
| **Ҳамагӣ:** | 5084 | 2198532 | 271242 | 5597,1 | 11,8 |

Дар баробари ин, дар соли оянда барои:

–додани қарзҳои имтиёзнок бо мақсади баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавон – 2,0 млн сомонӣ;

–чопи китобҳои дарсӣ – 47,3 млн сомонӣ;

–тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар хориҷи кишвар аз ҳисоби Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон –9,0 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Барои истифодабарии самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, меъёрҳои хадди ақалии маблағгузорӣ ба сари ҳар як хонанда ва ҳар як мактабро бо дарназардошти афзоиши хонандагон зиёд гардида, инчунин муассисаҳои томактабӣ низ ба маблағгузории меъёрии (сарикаси) гузаронида шуд. Барои ин мақсад, дар буҷети давлатии соли 2021 барои фаъолияти муассисаҳои томактаби маблағи 396,3 млн. сомонӣ ва ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3103,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба соли 2020-ум 362,0 млн. сомонӣ ё 9,7 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2020, №1463 муассисаи муассисаи давлатии “Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2020 №240 муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат” таъсис дода шуда, дар лоиҳаи буҷети соли

2021 барои нигоҳдорию фаъолияти ин муассисаҳо маблағҳои заруръ пешбинӣ карда шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ ҷиҳати сохтмони бино ва иншоотҳои соҳа 390,1 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст,

Барои маблағгузории соҳаи илм дар буҷети давлатӣ маблағи 157,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба маблағи 42,2 млн. сомонӣ ё 36,6 фоиз афзоиш ёфта, 0,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 0,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Соҳаи тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ низ яке самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мансуб ёфта, хароҷоти соҳа барои соли 2021 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 2350,4 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2020 – 509,0 млн. сомонӣ ё 27,6 фоиз зиёд буда, 8,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Бевосита барои нигоҳдорӣ ва фаъолияти 430 беморхона бо теъдоди 60322 воҳиди корӣ – 1038,1 млн. сомонӣ, барои 2622 маркази саломатӣ бо теъдоди 40470 воҳиди корӣ – 676,3 млн. сомонӣ, барои 322 муассисаи ҳифзи сиҳатии аҳолӣ бо теъдоди 8517 воҳиди корӣ – 184,7 млн. сомонӣ ва 32 муассисаи тиббӣ ва дигар муассисаҳои фаъолияткунанда дар соҳаи тандурустӣ ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ – 451,3 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 барои пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ 1361,5 млн. сомонӣ бо афзоиши 198,8 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1283,0 млн. сомонӣ ва маблағҳои махсус 78,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади таъмини афзалиятҳои аввалиндараҷаи соҳа дар буҷети давлатӣ барои соли 2021, ҷиҳати эмгузаронии аҳолӣ барои харидорӣ намудани ваксинаҳо – 22,0 млн. сомонӣ, барои харидории инсулин ҷиҳати таъмини беморони гирифтори касалии диабети қанд - 4,5 млн. сомонӣ, барои таъмини марказҳои хун бо халтачаҳои хунгирӣ ва реактивҳо 8,5 млн. сомонӣ, бо маводҳои иммуносупресантӣ таъмини беморони пайвандсозии гурда 4,0 млн. сомонӣ, харидории доруворӣ барои беморони сил - 4,0 млн. сомонӣ, ҷиҳати пешгирӣ аз бемории ВИЧ/СПИД барои харидани маводи ташхисӣ (тестҳо) 4,0 млн. сомонӣ, бемории гепатит – 1,0 млн. сомонӣ, барои муолиҷаи бемории саратон (кимиёдармонӣ) – 1,2 млн. сомонӣ, барои маводҳои контрасептивӣ – 1,0 млн. сомонӣ ва барои гузаронидани ҷароҳии кӯдакони дорои нуқсони модарзодии дил – 400,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Инчунин барои Фонди эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2021 ҷиҳати пешгирӣ ва табобати бемории сироятии COVID 19 маблағи 6,7 млн сомонӣ, аз ҷумла барои музди меҳнат 780,0 ҳазор сомонӣ, захираҳои моддию молӣ 5,8 млн. сомонӣ ва дигар хароҷотҳои марбут ба пешгирӣ ва табобати бемории болозикр 152,2 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар лоиҳаи буҷети давлати барои соли 2021 ҷиҳати пардохти хизматрасонии Корхонаи давлатии “Заводи протезию ортопедӣ” ва хариди таҷҳизот ба маъюбон 6,5 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ барои сохтмони бино ва иншоотҳои таъиноти тиббӣ 46,1 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинишуда, маблағҳои махсуси муассисаҳои тиббӣ 280,4 млн. сомониро ташкил менамояд, ки воридоти он аз ҳисоби иҷрои Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолии ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки тиббию санитарӣ ва дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ба нақша гирифта шудааст.

Маблағҳои ҷалбшаванда ба соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соли 2021 маблағи 281,8 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2015, тахти № 827 давра ба давра маблағгузории сарикасӣ дар тамоми муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ҷорӣ карда шуд, ки мақсади асосии ҷорӣ намудани механизми мазкур ин аз руи меъёрҳои тасдиқгардида баробар ва боадолатона тақсим намудани маблағ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад ва аз ин лиҳоз ҳамасола бо дарназардошти зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва меъёри маблағгузории сарикасӣ ҳаҷми маблағҳои пешбинишаванда бо ин мақсад меафзояд.

### Соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Буҷети соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2021 аз рӯи афзалиятҳои соҳа, яъне таҷдиди институтсионалӣ ва маъмурии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, хусуссан дар сатҳи маҳал, ислоҳот дар раванди дастгирии кумакҳои унвонии иҷтимоӣ, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ислоҳот дар соҳаи нафақа таҳия гардида, ҷиҳати баланд бардоштани сифати некӯаҳволӣ ва таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пардохти музди меҳнат, нафақа, ҷубронпулиҳо ва дигар кумакпулиҳои иҷтимоӣ равона мегардад.




Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои соли 2021 ба маблағи 4174,3 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 262,8 млн. сомонӣ ё 6,7 фоиз афзоиш ёфта, 14,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 4,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Дар ин робита, танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ҷиҳати нигаҳдорӣ ва фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ барои кӯдакон, калонсолон, пиронсолон, маъюбон, санаторияю профилакторияҳо ва дигар муассисаҳои ёрирасон – 90,0 млн. сомонӣ, татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат– 110,1 млн. сомонӣ ва иловапулӣ ба нафақаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ва шахсони ба онҳо баробар карда шуда маблағи 0,4 млн. сомонӣ, пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамзамон ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” ба шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ ва аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ озод шудаанд, инчунин шаҳрвандоне, ки собиқаи кории аз 18 моҳ камтар дошта, ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд барои пардохти кӯмакпулӣ 7,8 млн. сомонӣ пешбини карда шудааст, ки кумапулии мазкур то соли 2020 аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа пардохт карда мешуд.

Инчунин, бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №232 ба кудакони маъюби то сини 16-солаи гирифтори бемории вируси норасоии масунияти одам 5,3 млн. сомонӣ кумакпулиҳо пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои пиронсолон ва кӯдакони маъюб барои марказҳои будубоши рӯзона – 11,8 млн. сомонӣ, бо мақсади пардохти ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд» 14,1 млн. сомонӣ ва ҷудо намудани қарзи имтиёзнок ва ёрии яквақтаина ба хоҷагиҳое, ки аз ҷойҳои хавфнок ва хоҷагиҳое, ки ихтиёрӣ кӯчонида мешаванд – 5,1 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 барои пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ 76,8 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз рӯи даромад ба маблағи 3443,5 млн. сомонӣ, аз он ҷумла даромадҳо аз ҳисоби андози иҷтимоии муассисаҳои буҷетӣ 1422,5 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби муассисаҳои ғайрибуҷетӣ 1951,0 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин дар буҷети ҷумҳуриявӣ маблағи 70,0 млн. сомонӣ субвенсия пешбини шудааст, ки дар сурати норасоигии даромади буҷетӣ суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои пардохти нафақаҳои иҷтимоӣ равона карда мешавад.

Хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 3443,5 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин барои пардохти нафақаҳо 3156,0 млн. сомонӣ, барои пардохти кумакпулиҳо 186,0 млн. сомонӣ, барои иҷрои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 16,2 млн. сомонӣ, ташкили истироҳати тобистонаи кудакон ва наврасон, ки ба ҳиссаҷудокунии 1,4 фоиз дастрасӣ надоранд 3,5 млн. сомонӣ, дигар намуди кӯмакпулиҳо ва дигар хароҷоти Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 30,0 млн. сомонӣ (хизматрасонии боки ва баргардонидани қарз) равона мегардад.

Лозим ба зикр аст, ки то соли 2020 маблағгузорӣ барои нигоҳдорӣ ва фаъолияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа анҷом дода мешуд. Дар соли 2021 маблағгузории Агентӣ бо дарназардошти таъмини талаботи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 аз буҷети ҷумҳурияӣ ба нақша гирифта шудааст. Сабаби аз буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронидани дастгоҳи марказии Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа бо дар назар доштани иҷрои талаботи банди 102 Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҷиҳати фарогирии Ҳисоби ягонаи хазинадорӣ дар тамоми бахши давлатӣ мебошад.

## Соҳаи фарҳанг ва варзиш

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш ба маблағи 1042,5 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2020-ум 69,8 млн. сомонӣ ё ин ки 7,2 фоиз афзоиш ёфта, 3,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 1,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.



Дар ҳаҷми умумии маблағҳои пешинишуда, маблағҳои махсуси муассисаҳои соҳаи фарҳанг – 39,3 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбати соли 2020 ба маблағи 7,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Буҷети соҳаи фарҳанг ва варзиш барои рушди муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо, ансамблҳо, маҷмааҳои давлатӣ, телевизионҳо, матбуоти даврӣ, нашриётҳо ва дигар муассисаҳое, ки гузаронидани чорабиниҳои умумиҷумҳуриявиро амалӣ мегардонад, равона карда шудааст.

Маблағгузории муассисаҳои соҳаи фарҳанг барои соли 2021 дар ҷадвали зер нишон дода шудааст:

| **Номгӯи муассисаҳо** | **Шумораи муассисаҳо (адад)** | **Шумораи кормандон, (на фар)** | **Маблағҳои равонагардида ба ин самт (млн сомонӣ)** | **Афзоиш нисбати соли 2020 (%)** |
|---|---|---|---|---|
| **Китобхонаҳо** | 1371 | 3482,75 | 57,4 | 11 |
| **Осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо** | 74 | 985 | 25,4 | 12,8 |
| **Телевизион ва радиошунавонӣ** | 20 | 2282,5 | 137,0 | 3,7 |
| **Матбуоти даврӣ ва нашриёт** | 93 | 598 | 28,6 | 10,6 |
| **Муассисаҳои дигар** | 1115 | 7627 | 794,1 | 7,4 |

Дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети соҳа маблағгузории барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2022, Барномаи рушди пахши телевизиони рақамӣ барои солҳои 2020-2024 ва дигар барномаҳо ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд дар ҳаҷми 3,0 млн, таъмин карда мешаванд.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2021 аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ маблағгузории иншоотҳои сохтмонии соҳаи фарҳанг дар ҳаҷми 183,4 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

## IX. Дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёт

Ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳой аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт ҳадафҳои стратегии кишвар арзёбӣ гардида, зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Бинобар ин, дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2021 аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар 8381,6 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 9,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Хароҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт асосан аз ҳисоби маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои беруна ташаккул ёфта 6763,8 млн сомонӣ ё 80,8 фоизи хароҷоти умумии соҳаро ташкил медиҳад.




Соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 1276,0 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ 769,9 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 70,1 млн сомонӣ ва лоиҳаҳи сармоягузории давлатӣ 436,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат

ба буҷети соли 2020 ба маблағи 45,2 млн сомонӣ зиёд мебошад.




Ғайр аз ин, бо мақсади пешбурди фаъолияти Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар самти таъмини назорати истифодаи захираҳои олами набототу ҳайвонот аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 27,4 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 30,6 млн сомонӣ ва барои ба танзим даровардани заминҳои фонди ҷангал ва таъмини назорати ҳудудҳои махсуси муҳофизатшаванда ба Агентии ҳоҷагии ҷангал 16,5 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 9,5 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист, амалӣ намудани лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 436,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 69,4 млн сомонӣ кам мебошад.

Дар хароҷоти умумии соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ маблағгузориҳои асосии мутамаркази давлатӣ 144,6 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2020 ба 26,4 млн. сомонӣ ё 15,5 фоиз кам мебошад.

## Соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ

Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат барои соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикии 3833,0 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 2189,8 млн сомонӣ, барномаҳои сармоягузориҳои давлатӣ 1638,4 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 4,8 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Маблағгузории соҳа нисбат ба соли 2020 ба қадри 94,6 млн сомонӣ кам гардидааст.




Кам гардидани нақшаи маблағгузории соҳа нисбат ба соли 2020 асосан аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ мебошад.

Дар соҳаи мазкур дар соли 2021 амалӣ намудани 10 лоиҳаи сармоягузори давлатӣ бо арзиши 1638,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2020 ба маблағи 98,0 млн сомонӣ кам гардидааст.

Дар доираи маблағҳои пешбинишуда амалӣ гардидани афзалиятҳои муҳими соҳа, аз ҷумла:

- пурра намудани фонди оинномавии ҶСК «НБО Роғун»;
- сохтмону барқарорсозии системаи энергетикӣ ва сохтмони дигар нерӯгоҳҳои барқи обии хурду миёна;
- гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва иктишофӣ дар соҳаҳои истихроҷи нафту газ, дар назар дошта шудааст.

Аз маблағҳои пешбинигардида барои рушди соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ 2175,9 млн сомонӣ ҳамчун маблағҳои мутамарказ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ равона карда мешавад.

## Соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор

Баҳри ноил гардидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2021 маблағи 741,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 222,1 млн сомонӣ, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 492,7 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 26,4 млн. сомонӣ, ки нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 44,3 млн сомонӣ кам мебошад. Сабаби коҳиш ёфтани хароҷоти соҳа ба анҷом расидани татбиқи баъзе аз лоиҳаҳои давлатии самоягузорӣ дар ҳаҷми 56,2 млн сомонӣ мебошад.

### Хароҷоти соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор




Дар соли 2021 барои татбиқи барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 34,9 млн сомонӣ, аз ҷумла Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ 2,7 млн сомонӣ ва чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ 2,9 млн сомонӣ, рушди муносибатҳои лизингӣ ва ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 25,0 млн сомонӣ ва чорабиниҳои мубориза бар зидди малах 4,3 млн сомонӣ равона карда мешавад.

Барои соҳаи мазкур ҷиҳати пешгирӣ намудани бемориҳои сироятии чорво ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ 55,9 млн сомонӣ аз ҷумла, барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 31,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби лоиҳаи сармоягузории давлатӣ маблағи 492,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 56,2 млн сомонӣ кам мебошад.

Барои соҳаи кишоварзӣ маблағгузориҳои асосии мутамарказ 17,9 млн сомониро ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки ба Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ дар самти нигоҳдории муассисаҳо, пардохти ҳаққӣ истифодаи қувваи барқ дар пойгоҳҳо ва насосҳои обкашӣ, инчунин пардохти музди меҳнати кормандони ташкилотҳои Агентӣ дар соли 2021 маблағи 74,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла барои пардохти қувваи барқи пойгоҳҳо ва насосҳои обкашӣ 40,1 млн сомонӣ, пардохти музди меҳнати кормандон 32,9 млн сомонӣ ва дигар хароҷоти ҷории корхонаҳо 1,0 млн сомонӣ.

Ҳамзамон дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ҷиҳати гузаронидани корҳои кадастри замин, топографӣ, корҳои геодезӣ ва харитасозӣ, аэрокайҳонӣ ва корҳои делимитатсия ва демаркатсионии сарҳади давлатӣ ва нигоҳдории дастгоҳи марказӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ 31,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 24,8 млн. сомонӣ ва маблағҳои махсус 6,4 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Хусусан барои иҷрои корҳои кадастри замин, топографӣ, корҳои геодезӣ ва харитасозӣ, аэрокайҳонӣ ва корҳои делимитатсия ва демаркатсионии сарҳади давлатӣ бо дар назардошти иҷрои корҳои демаркатсионии Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон 14,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

## Соҳаи саноат ва сохтмон

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2021 бо мақсади рушди соҳаҳои саноату сохтмон 193,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 190,3 млн сомонӣ ва махсус 3,0 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2020 ба маблағи 39,0 млн сомонӣ кам мебошад.

Камшавии маблағҳои пешбинигардида асосан аз ҳисоби сохтмони асосӣ, бахусус иншоотҳои дар маҳал аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ сохташаванда дар ҳаҷми 32,5 млн сомонӣ ба вуҷуд омадааст.




Барои нигоҳдорӣ ва рушди инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 4,8 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

## Соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия

Бо дарназардошти раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ дар соли 2021 ҳаҷми умумии хароҷот барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия ба маблағи 2259,5 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 776,5 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 54,4 млн сомонӣ, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 1428,6 млн сомонӣ, ки нисбат ба буҷети соли 2020 ба маблағи 290,2 млн сомонӣ ё 14,7 фоиз зиёд мебошад.




Барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо дар буҷети ҷумҳуриявӣ дар маҷмӯъ 81,3 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла 73,3 млн сомонӣ ба Вазорати нақлиёт ва сохторҳои тобеи он ва 8,0 млн сомонӣ ба Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои нигоҳдории роҳҳои дохилии маҳаллӣ ва хариди мошину таҷҳизот дар буҷети маҳаллии шаҳру ноҳияҳо 293,8 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2020 маблағи 42,2 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соҳаи нақлиёт лоиҳаи муштараки сармоягузорӣ ба маблағи 1428,6 млн сомонӣ амалӣ мегарданд, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2020 ба маблағи 278,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Барои таҷдиду азнавсозии роҳу купрукҳо аз ҳисоби маблағгузории асосии мутамарказ 282,0 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2020 ба маблағи 4,0 млн сомонӣ зиёд аст.

## X. Маблағгузориҳои асосии мутамарказ

Маблағҳои асосии мутамаркази давлатӣ дар доираи «Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои буҷети давлатӣ ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2021-2023» ва дигар барномаҳои соҳавию минтақавӣ муайян карда шудааст.

Ҳаҷми сармоягузориҳои асосии мутамарказ дар соли 2021 ба маблағи 3642,6 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 2832,8 млн сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 793,8 млн сомонӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 16,0 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки маҷмуан нисбат ба соли 2020 ба маблағи 118,0 млн сомонӣ ё 3,1 фоиз кам мебошад.

Аз рӯи соҳаҳои буҷети давлатӣ барои сохтмони иншоотҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ 647,9 млн сомонӣ ё 17,8 фоиз, воқеии иқтисодиёт 2754,2 млн сомонӣ ё 75,6 фоиз ва дигар соҳаҳо 240,5 млн сомонӣ ё 6,6 фоиз аз ҳаҷми умумии хароҷоти асосии мутамарказ равона карда мешавад.

Сармоягузориҳои асосии мутамарказ барои сохтмони иншооти дорои аҳамияти муҳиму стратегии рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт равона карда мешаванд.

## XI. Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ

Маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соли 2021 аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳо 4988,6 млн сомонӣ (бо дарназардошти ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон) пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла аз ҳисоби:

- маблағҳои қарзӣ 2340,1 млн. сомонӣ;
- маблағҳои грантӣ 2537,4 млн. сомонӣ;
- ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 111,0 млн сомонӣ.




Бояд қайд намуд, ки дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2021 татбиқи 66 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бе дар назардошти ҳиссаи Ҳукумати ҷумҳурӣ 4877,6 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли ҷорӣ 345,1 млн. сомонӣ ё 7,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар давраи миёнамуҳлат татбиқи 79 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар назар дошта шуда, гуфтушунидҳо бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ оид ба имзо расонидани созишномаҳо ҷиҳати амалисозии 19 лоиҳаи нав идома доранд.

Ҳиссаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 111,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз он лоиҳаҳои дар марҳилаи тайёрӣ қарордошта 44,0 млн сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2021 дар доираи тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ҷалби маблағҳо аз ҳисоби Ҷумҳурии Халқии Хитой пешбинӣ карда нашудааст.

Сабаби афзоиши нақшаи буҷети давлатӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ:

– ба соли 2021 гузаронида муҳлати анҷомёбии лоиҳаҳо дар соли 2020 пешбинишуда;

– дар соли 2020 азхудкунии маблағҳои лоиҳаҳои нави давлатии сармоягузории ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, ки ҳуҷҷатҳои онҳо аз ҷониби дигар вазорату идораҳо ба имзо расонида шудаанд, ба инобат гирифта шудааст, ба монанди Бонки Олмонии Рушд (KFW), фонди Оғохон ва дигарҳо.

– дар соли 2020 барои татбиқи як қатор лоиҳаҳои сароягузории давлатӣ, аз ҷумла лоиҳаи «Лоиҳаи Роҳрави ҲИМОМ 2, 3 ва 5 (роҳи мошингарди Обигарм – Нуробод)» (190 млн. доллари амрикоӣ), «Барномаи солимгардонии вазъи молиявии соҳаи энергетика» (134 млн. доллари амрикоӣ), лоиҳаи «Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон» (73 млн. доллари амрикоӣ) созишномаҳои молиявии калонҳаҷм бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба имзо расонида шуданд, ки амалишавии онҳо дар соли 2021 ба нақша гирифта шудаанд.

## XII. Хароҷоти хизматрасонии қарзи давлатӣ

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2021 хизматрасонии қарзи давлатӣ ба маблағи 2847,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли ҷорӣ 69,6 млн сомонӣ, ё ин ки 2,4 фоиз кам мебошад.

Хизматрасонии қарзи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дар соли 2021 ба маблағи 2099,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли ҷорӣ 358,2 млн сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла:

- хизматрасонии қарзи беруна 1905,9 млн сомонӣ;
- хизматрасонии қарзи дохилӣ 193,8 млн. сомонӣ.




Дар соли 2021 дар доираи хизматрасонии қарзи беруна барои пардохти қарзи асосӣ 1044,9 млн. сомонӣ ва фоизи истифодабарии қарз 861,1 млн. сомонӣ пешбинӣ шуда, дар маҷмӯъ нисбат ба соли 2020 ба маблағи 306,1 млн. сомонӣ ё 19,1 фоиз зиёд мебошад.

Сабаби зиёд гардидани маблағи хизматрасонии қарзи беруна ғайр аз қарзҳои пардохтшаванда ин паст гардидани қурби асъори миллӣ нисбат ба доллари ИМА (1 доллари ИМА баробар ба 11,00 сомонӣ) мебошад.

Пардохти қарзи асосии беруна дар соли 2021 ба маблағи 1044,9 млн. сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ муайян гардидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба маблағи 233,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Сабаби бо ин мақсад зиёд пешбинӣ намудани маблағ ин иҷро накардани уҳдадориҳо ва саривақт бар нагардонидани қарз ва фоизҳои он аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ аз ҷониби корхонаҳои азими давлатӣ мебошад, ки барои пардохти қарзи асосии берунаи давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар соли 2021 ҳаҷми маблағҳои бардошти захиравии қарзи беруна барои идоракунии хавфи фарқияти қурби асъор ва хавфи пардох нагардидани қарзҳо, ки бо кафолати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалбгардидаанд 44,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар доираи хизматрасонии қарзи дохилӣ дар соли 2021 маҷмуан 498,8 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети давлатӣ 299,8 млн сомонӣ (аз ҳисоби векселҳои давлатии барои НБО «Роғун» 106,0 млн. сомонӣ) ва маблағҳои берун аз тавозуни буҷети давлатӣ, яъне аз ҳисоби

баргардонидани қарзҳои ҶСК «Агроинвестбонк» 90,0 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисод 109,0 млн сомонӣ (106,0 млн. сомонӣ барои пардохи маблағи қарзе, ки Вазорати молия аз Бонки миллӣ ҷалб намудааст ва 3,0 млн. сомонӣ барои пардохти қарзи асосӣ аз рӯи вомбаргҳои дарозмуҳлати БДА ҶТ «Амонатбонк») пардохт мегардад.

Хизматрасонии векселҳои давлатии Вазорати молия барои сармоякунонии ҶСК «Агроинвестбанк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» аз ҳисоби баргардонидани маблағҳо аз ҷониби бонкҳои зикргардида ба Бонки миллии Тоҷикистон пардохт мегардад.

Дар маҷмуъ ҳаҷми маблағи хизматрасонии қарзи дохилӣ дар соли 2021 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 498,8 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2020 дар ҳаҷми 347,9 млн. сомонӣ кам мебошад.

Сабаби кам гардидани ҳаҷми маблағи мазкур аз ҳисоби векселҳои давлатӣ барои танзими 37 қарзи мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» мебошад, ки тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисми маблағҳо тариқи ҳисоббаробарӣ бо молу мулки 37 ширкати мазкур боқимонда, ба муҳлати 10 сол тамдид карда шудааст.

## XIII. Буҷети ҷумҳуриявӣ

Дар соли 2021 ҳаҷми умумии даромади буҷети ҷумҳуриявӣ 11499,1 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ 11199,1 млн сомонӣ ва грантҳо барои дастгирии буҷет 300,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 343,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар сохтори даромадҳои ҷорӣ воридоти андозҳоӣ 9897,1 млн сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2021 ба 11947,2 млн сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2020-ум 452,0 млн сомонӣ ё 3,9 фоиз зиёд мебошад.

Касри буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2021 маблағи 448,1 млн сомониро ташкил медиҳад.

**Даромад, хароҷот ва касри буҷети ҷумҳуриявӣ**




## XIV. Буҷетҳои маҳаллӣ

Дар соли 2021 ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ 8963,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2020 дар сатҳи дар ҳаҷми 560,4 млн сомонӣ ё 6,7 фоиз зиёд мебошад.

Барои пардохти фонди музди меҳнат аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ мусоидати молиявӣ (субвенсия) 1158,9 млн сомонӣ ва кӯмаки молиявии беподош (дотатсия) барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ 2,7 млн сомонӣ, маҷмуан 1161,6 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Вазни хоси мусоидати молиявӣ (субвенсия) ва кӯмаки молиявии беподош (дотатсия) 14,6 фоизи хароҷоти буҷетҳои маҳаллиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2020 ба маблағи 257,8 млн сомонӣ ё 2,2 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҷумла, ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон 2,6 фоиз, ноҳияҳои Варзоб 4,3 фоиз, Рашт 0,9 фоиз, Лахш 0,3 фоиз, Нурobod 0,7 фоиз, Рудакӣ 38,5 фоиз, Тоҷикобод 1,8 фоиз, Файзобод 3,0 фоиз ва ноҳияи Шаҳринав 3,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, вазни хоси субвенсия дар ҳаҷми хароҷоти буҷетҳои маҳаллии ВМКБ дар сатҳи 0,1 фоиз ва Сангвор 0,7 фоиз кам гардидааст.

Ба зиёд гардидани вазни хоси субвенсия дар ҳаҷми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ ин зиёдшавии фонди музди меҳнат ва ба рӯйхати шаҳру ноҳияҳои субвенсионӣ шомил гардидани ноҳияи Рӯдакӣ мусоидат намудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки гузаронидани як қисмати заминҳои ҳудуди маъмурии ноҳияи Рудакӣ ба мувозинати шаҳри Душанбе сабаби коҳиш ёфтанӣ манбаҳои даромади буҷети маҳаллии ноҳия гардидааст.

Дар лоиҳаи буҷети соли 2021 касри буҷетҳои маҳаллӣ 0,5 фоизро ташкил дода, аз ҳисоби вилоят ва ноҳияҳои субвенсионӣ 15,1 млн сомонӣ муайян гардидааст.

Аз ҷумла касри буҷети ВМКБ 1652,1 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 10489,1 ҳазор сомонӣ, ноҳияҳои Варзоб 251,9 ҳазор сомонӣ, Рашт 407,9 ҳазор сомонӣ, Лахш 241,3 ҳазор сомонӣ, Нуробод 249,0 ҳазор сомонӣ, Рудакӣ 901,4 ҳазор сомонӣ, Сангвор 138,5 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 165,3 ҳазор сомонӣ, Файзобод 315,6 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав 311,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Манбаи пӯшонидани касри буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби таъмини иҷрои барзиёдии даромади буҷети маҳаллӣ ва оптимизатсияи хароҷоти буҷет муайян карда шудааст.

Ҳиссагузорӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2021 дар ҳаҷми 1913,5 млн сомонӣ муайян карда шудааст, ки нисбати соли 2020 ба маблағи 96,1 млн сомонӣ кам мебошад.

Аз ҷумла, ҳиссаҷудокуниҳо аз ҳисоби буҷети вилояти Суғд 806,5 млн сомонӣ (0,4 фоиз зиёд), шаҳри Душанбе 992,7 млн сомонӣ (6,6 фоиз кам) шаҳри Роғун 114,3 млн сомонӣ (5 фоиз кам) ва ноҳияи Рудакӣ 1,8 млн сомонӣ (0,9 фоиз кам) пешбинӣ карда шудааст.

Яке аз омилҳои камшавии ҳиссагузорӣ аз буҷети шаҳри Роғун ин пешбинӣ намудани пардохти андоз аз арзиши иловашудаи ҶСК «НБО Роғун» ба буҷети ҷумҳуриявӣ мебошад.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2021 ба маблағи 8226,6 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба соли 2020 дар ҳаҷми 919,5 млн сомонӣ ё 12,6 фоиз зиёд мебошад. Дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ фонди музди меҳнат 60,8 фоиз ва дар ноҳияҳои субвенсионӣ 29,6 фоизро ташкил медиҳад.

Дар лоиҳаи буҷетҳои маҳаллӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ бо дар назардошти маблағгузории асосии мутамарказ 6497,5 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ 79,0 фоизро ташкил медиҳад, аз ҷумла барои соҳаи маориф 4097,4 млн сомонӣ, соҳаи тандурустӣ 1790,9 млн сомонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ 56,4 млн сомонӣ, фарҳанг ва варзиш ба маблағи 552,8 млн сомонӣ.

Барои маблағгузорӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ ба мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ 274,6 млн сомонӣ ё 3,3 фоиз, сохторҳои қудратӣ 113,9 млн сомонӣ ё 1,4 фоиз, кишоварзӣ 55,9 млн сомонӣ ё 0,7 фоиз, соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ 597,6 млн сомонӣ ё 7,5 фоиз ва соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 596,5 млн сомонӣ ё 7,5 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ пешбинӣ гардидааст.

Маблағҳои сохтмони асосӣ 793,8 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбати соли 2020 ба маблағи 28,4 млн сомонӣ кам мебошад.

Нисбат ба соли 2020 фонди музди меҳнат бо сабаби зиёдшавии музди меҳнати заминавӣ 769,8 млн сомонӣ афзоиш дода шудааст.




## XV. Касри буҷет

Дар соли 2021 касри буҷети ҷорӣ нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 0,5 фоиз ё 463,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст. Касри васеи буҷети давлатӣ бошад бо дарназардошти баргардонидани қарзи давлатӣ 1104,4 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби касри ҷорӣ 463,2 млн сомонӣ, пардохти қарзи асосии берун аз тавозуни буҷет 442,2 млн. сомонӣ ва пардохти қарзи асосии дохилӣ 199,0 млн сомониро ташкил дода, ба 1,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Манбаъҳои пӯшонидани касри ҷорӣ ба маблағи 463,2 млн сомонӣ дар соли 2021 ба таври зайл муайян карда шудаанд, аз ҳисоби:

–хусусигардонӣ, иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ ва суди саҳмияҳои давлатӣ 55,0 млн сомонӣ,

–фурӯши векселҳои хазинадорӣ 100,0 млн сомонӣ,

–маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 10,0 млн сомонӣ,

–қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ 253,1 млн сомонӣ,

–сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ 30,0 млн сомонӣ.

–иҷрои барзиёдии нақшаи даромади буҷетҳои маҳаллӣ 15,1 млн сомонӣ.

Манбаъҳои пӯшонидани касри васеъӣ буҷет аз ҳисоби қарзи асосии берунӣ ба маблағи 442,2 млн сомонӣ ба таври зайл муайян карда шудааст:

- ШСХК «Барқи Тоҷик» 398,3 млн сомонӣ;
- КВД «Обу корези Душанбе» 6,2 млн сомонӣ;
- КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» 19,7 млн сомонӣ;
- ҶСК «Тоҷиктрансгаз» 3,3 млн сомонӣ;
- ҶСК «Помир энерҷи» 4,9 млн сомонӣ;
- ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» 9,9 млн сомонӣ.;

Манбаъҳои пардохти касри қарзи асосии дохилӣ аз ҳисоби Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт ба маблағи 109,0 млн сомонӣ ва баргардонидани қарзҳои ҶСК «Агроинвестбонк» 90,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

## XVI. Шарҳи мухтасари дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2022-2023

Нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023 давоми мантиқии лоиҳаи буҷети соли 2021 буда, дар ин давра сиёсати буҷети давлатӣ пеш аз ҳама бо мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати некӯаҳволӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани хизматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ ва рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, энергетика, хоҷагии қишлоқ, ислоҳоти маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, мақомоти идораи давлатӣ ва ғайраҳо равона карда мешавад.

Дар соли 2022 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо афзоиши воқеии 7,8 фоиз 102,9 млрд  сомонӣ ва дар соли 2023 бо афзоиши воқеии 8,0 фоиз 115,0 млрд сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки афзоиши миёнаи солонаи номиналии он 11,8 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра меъёри индекси дефлятор дар доираи афзоиши воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба инобат гирифта шуда, дар соли 2022 ба андозаи 3,0 фоиз ва соли 2023 бошад, ба андозаи 3,5 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Дар давраи миёнамуҳлат бо дарназардошти болоравии индекси нархҳои истеъмолӣ меъёри таваррум дар солҳои 2022-2023 мутаносибан ба 6,8 ва 7,1 фоиз пешбинӣ гардидааст. Қурби миёнаи солонаи пули миллӣ

нисбат ба доллари амрикоӣ дар соли 2022 аз рӯи 11,33 сомонӣ ва соли 2023 бошад 11,7 сомонӣ ба 1 доллари амрикоӣ дар назар дошта шудааст.

Дар ин робита, дар соли 2022 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 30985,4 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромади ҷорӣ бо грантҳо 22000 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2311,0 млн сомонӣ, аз ҳисоби татбиқи қарз ва грантҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 6674,4 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 30,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет дар соли 2022 аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин пешбини гардидааст.

- Воридоти андоз ва пардохтҳои ғайриандозӣ 15460,0 млн сомонӣ бо афзоиши 86,0 млн сомонӣ, ё ин ки 69,1 фоизи даромадҳои ҷорӣ;
- Воридоти пардохтҳои гумрукӣ 6240,0 млн сомонӣ бо афзоиши 414,0 млн сомонӣ, ё ин ки 30,9 фоизи даромадҳои ҷориро ташкил медиҳанд;

Инчунин дар соли 2023 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 32250,7 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромади ҷорӣ бо грантҳо 24000,0 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2373,3 млн сомонӣ, аз ҳисоби татбиқи қарз ва грантҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 5877,4 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 28,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Даромадҳои андозию ғайриандозии Буҷети давлатӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет дар соли 2023 аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин пешбини гардидааст.

- Воридоти андоз ва пардохтҳои ғайриандозӣ 16940,0 млн сомонӣ бо афзоиши 1480,0 млн сомонӣ, ё ин ки 71,5 фоизи даромадҳои ҷорӣ;
- Воридоти пардохтҳои гумрукӣ 6760,0 млн сомонӣ бо афзоиши 520,0 млн сомонӣ, ё ин ки 28,5 фоизи даромадҳои ҷориро ташкил медиҳанд.

## Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои 2022 – 2023 низ нигоҳ дошта шуда, пеш аз ҳама ба мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сифати некӯаҳволӣ, таъмини бехатарии амнияти давлат ва бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар гардонидани саломатии аҳолӣ, баланд бардоштани хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, энергетика, хоҷагии қишлоқ, таъмини маблағгузории соҳаҳои маориф,

тандурустӣ, мақомоти идоракунӣ ва бехатарии давлатӣ ва ғайраҳо равона карда мешавад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2022 ба маблағи 31499,7 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷорӣ 22648,4 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2177,0 млн сомонӣ ва Барномаи давлатии сармоягузорӣ 6674,4 млн сомонӣ, пешбинӣ карда шудааст, ки ба 30,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2023 бошад 32825,5 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷорӣ 24709,6 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 2238,5 млн сомонӣ ва Барномаи давлатии сармоягузорӣ 5877,4 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ба 28,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

## Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ

Дар соли 2022 хароҷот барои мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар маҷмӯъ ба маблағи 1424,0 млн сомонӣ ва барои соли 2023 дар ҳаҷми 1589,7 млн сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Аз ҷумла, дар солҳои 2022-2023 хароҷоти ҷории мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ мутаносибан 1142,5 млн сомонӣ ва 1263,4 млн сомонӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ мутаносибан ба маблағи 247,5 млн сомонӣ ва 256,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Ҷалби маблағҳои қарзию грантӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соли 2022 – 34,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, дар соли 2023 ба маблағи 70,0 млн сомонӣ нақша гирифта нашудааст.

## Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2022-ум 15050,4 млн. сомонӣ, ки он 47,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ё 14,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар соли 2023-ум 16366,5 млн сомонӣ, ки он 49,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 14,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷоти соҳаи маориф

Хароҷоти соҳаи маориф дар соли 2022 ба маблағи 6070,9 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки 19,4 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 5,9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Дар соли 2023

ба маблағи 6460,8 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, 18,9 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 5,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷоти соҳаи тандурустӣ

Хароҷоти соҳаи тандурустӣ дар соли 2022 ба маблағи 2707,7 млн. сомонӣ ё ин ки 8,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар соли 2023 ба маблағи 3058,3 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки 9,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

Хароҷоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2022 ба маблағи 4609,8 млн сомонӣ, ки он 4,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар соли 2023 ба маблағи 4903,4 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он 4,3 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш

Хароҷоти соҳаи фарҳанг дар соли 2022 ба маблағи 1662,1 млн сомонӣ, ки он 5,1 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 1,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар соли 2023 ба маблағи 1944,1 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он 6,0 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 1,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёт

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иқтисодиёт дар соли 2022-ум 9719,1 млн. сомонӣ, ки он 30,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ё 9,4 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар соли 2023-ум 8892,2 млн сомонӣ, ки он 26,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 7,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Дар соли 2022 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия ба маблағи 2261,5 млн. сомонӣ ва дар соли 2023 ба маблағи 1834,1 млн. сомонӣ ва хароҷот барои комплекси сӯзишворӣ ва энергетикӣ бошад дар соли 2022 ба маблағи 5213,4 млн. сомонӣ ва дар соли 2023 ба маблағи 4956,7 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2022 дар маҷмӯъ хароҷоти комплекси агросаноатӣ 911,6 млн сомонӣ ва дар соли 2023 бошад, дар ҳаҷми 674,3 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

## Хароҷоти хизматрасонии қарзҳои давлатӣ

Дар соли 2022 барои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2699,3 млн сомонӣ, аз ҷумла пардохти қарзи асосӣ 1790,8 млн сомонӣ ва пардохти фоизи қарз 908,5 млн сомонӣ ва дар соли 2023 бошад ба ҳамин мақсад 2839,4 млн сомонӣ, аз ҷумла пардохти қарзи асосӣ 1932,6 млн сомонӣ ва пардохти фоизи қарз 906,8 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Барои хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ҳамагӣ 323,8 млн сомонӣ аз ҷумла: аз ҳисоби буҷет 127,2 млн сомонӣ аз ҳисоби ғайритавозуни буҷет 196,6 млн сомонӣ ва дар соли 2023 ба ҳамин мақсад 212,9 млн сомонӣ, аз ҷумла: аз ҳисоби буҷет 16,9 млн сомонӣ аз ҳисоби ғайритавозуни буҷет 196,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

## Буҷетҳои маҳаллӣ

Дар соли 2022 ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 9632,1 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нисбат ба буҷети соли 2021 ба андозаи 7,5 фоиз ё ба маблағи 668,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ барои соли 2022 ба маблағи 8305,0 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2021 ба андозаи 13,7 фоиз ё ба маблағи 997,9 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2023 ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 10696,8 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нисбат ба буҷети соли 2022 ба андозаи 11,1 фоиз ё ба маблағи 1064,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ барои соли 2023 ба маблағи 8431,6 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2022 ба андозаи 1,5 фоиз ё ба маблағи 126,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

## Касри буҷет

Касри буҷет дар соли 2022 ба андозаи 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба маблағи 514,4 млн сомонӣ ва дар соли 2023 бошад, ба андозаи 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба маблағи 574,9 млн сомонӣ муайян карда шудааст. Манбаъҳои пӯшонидани он аз ҳисоби хусусигардонии моликияти давлатӣ, дар бозори молиявӣ зиёд намудани фурӯши коғазҳои қимматнок, ҷалби маблағҳои грантии барномавӣ аз институтҳои байналмилалии молиявӣ, сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатӣ ва иҷрои барзиёди даромади буҷети давлатӣ дар назар дошта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ барои солҳои 2022-2023 нишондиҳандаҳои назоратӣ буда, дар доираи онҳо бояд мақомоти идоракунии давлатӣ, барномаҳои амалкунандаи соҳавӣ ва барномаҳои нави пешниҳодшударо тарҳрезӣ намоянд.

Дар баробари ин мувофиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт, тибқи талаботҳои моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти он бори дигар аниқ карда мешаванд.